# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Саъдуллозода Насрулло Саъдулло дар мавзӯи «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисоди ҷаҳон пешниҳод гардидааст

**1. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.**

Муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳаракати қувваи корӣ дар сатҳи байналмилалӣ тайи даҳсолаҳои охир ба шакли глобалӣ мубаддал гаштааст ва ташкилотҳои байналхалқӣ, давлатҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷирон, олимон ва коршиносон роҳҳои танзими муҳоҷирати байналмилалиро ҷустуҷӯй намуда истодаанд, гарчанде ин масъала ниҳоят душвор аст.

Муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ раванди мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, ки бевосита ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъсир расонида, доимо дар маркази диққати иқтисодчиён, сиёсатмадорон, демографҳо ва олимони дигар соҳаҳо қарор дорад.

Равандҳои муҳоҷирати байналмилалӣ дар миқёси ҷаҳон ва аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле афзоиш ёфта истодааст. Мутобиқи маълумоти Созмони Миллали Муттаҳид солҳои 60-уми қарни гузашта дар ҷаҳон ҳамагӣ 65 млн. нафар муҳоҷирон вуҷуд доштанд. Баъдан, ба ҳолати соли 2010 шумораи онҳо то 214 млн. нафар зиёд гашт ва дар асосиояндабинии коршиносони СММ, то соли 2050 бо сабабҳои ноорomии вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ, шумораи муҳоҷирон дар дунё то 405 млн. нафар афзоиш меёбад. Коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ бар он ақидаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик бо сабабҳои душвориҳои бозори меҳнати дохили кишвар, аз ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дар давоми даҳсолаҳои наздик дур шуда наметавонад ва аз ин хотир, мо бояд тавассути рушди ҳамкориҳои байнидавлатию байниидоравӣ ва кор карда баромадани механизмҳои самараноки муосир дар ин самт, корҳои зиёдро анҷом диҳем.

Вобаста ба ин, бе шакку шубҳа интихоби мавзуъ оид ба танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрами рӯз буда, ҳалли саривақтии худро бо иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор талаб менамояд.

**2. Сатҳи асоснокии дастовардҳои илмии дар диссертатсия омада.** Дар тадқиқоти гузаронидашуда усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, амсилаҳои математикӣ-иқтисодӣ, инчунин истифодабарии тадқиқотҳои гузаронидашудаи сотсиологӣ аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон доданд, ки диссертант ба мақсади асосии тадқиқот коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ муваффақ гардад. Бо ин мақсад муаллиф аз асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавқеи асосии ҳаракати ҷаҳонии муҳоҷират, ҷараёни омаду рафти муҳоҷирон, таснифоти омилҳои муҳоҷират, равиши таърихию сохторӣ дар омӯзиши муҳоҷирати байналмилалӣ бо дарназардошти таҳлили соҳавӣ истифода шудаанд.

**3. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсия** аз омӯзиши муқаррароти назариявӣ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, инчунин иттилооти истифодашудаи аввалия тасдиқ карда шудааст ва ин ба диссертант имконият дод, ки таҳлили амиқи коркард ва танзими муҳоҷирати қувваи кориро дар шароити ҷаҳонишавӣ инъикос намояд.

**4. Мазмуни кор, сохт ва ҳаҷми диссертатсия.**

Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шуданд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 195 саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ ифода ёфтааст. Дар диссертатсияи мазкур 4 расм, 3 диаграмма ва 14 ҷадвал ҷой дода шудааст.

Дар муқаддима муҳимият ва сатҳи коркард шудани мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, ҳадафи таҳқиқот, объект, мавзӯъ ва вазифаҳои тадқиқот мушаххас гардида, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи диссертатсионӣ асоснок карда шудаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявии муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар ҷаҳон»** моҳият ва хусусиятҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ, равишҳои иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати байналмилалӣ ва оқибатҳои он, сиёсати муҳоҷирати кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба тақвияти раванди муҳоҷирати қувваи корӣ таъсири назаррас дорад ва ин яке аз омилҳои асосӣ мебошад. Омили дигари муҳиме, ки ба афзоиши муҳоҷирати қувваи корӣ таъсир мерасонад, ин пешравии соҳаи

иттилоот аст, ки дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мушоҳида гардида, дар мамлакатҳои қафомонда паҳн гардида истодааст (саҳ. 12).

Олимон С.Кеслс ва М.Ҷ. Миллер ба чунин ақидаанд, ки равиши таърихию сохторӣ дар тавсиф ва омӯзиши муҳоҷирати байналмилалӣ ва нақши ҳаракати сармоя маҳдуд аст, аз ин рӯ ба мисли усул ё назарияи неоклассикӣ наметавонад барои чунин раванди мушкил ҳамчун муҳоҷират истифода бурда шавад (саҳ. 20).

Инчунин, диссертант иброз менамояд, ки таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба таври худ ҳамчун намунаи беназири рафъи фарқиятҳо дар равишҳои миллӣ-давлатӣ оид ба масъалаҳои танзими муҳоҷират ва ташаккули пайгиронаи сиёсати дастаҷамъонаи муҳоҷират дар доираи босуръат рушдёбандаи иттиҳоди ҳамгироӣ, баҳодиҳӣ карда мешавад (саҳ. 67).

**Дар боби дуюм - «Арзёбии ҳолат, тамоюлҳо ва таҳлили мавқеи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии меҳнат»** масъалаҳо оид ба арзёбии ҳолати кунунии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, инчунин таҳлили вазъи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯхта шудаанд.

Диссертант таъкид менамояд, ки муҳоҷирати зиёд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, якум, вазниниро ба аҳолии фаъолияткунанда ҷоннок менамояд; дуюм, оқибатҳои иҷтимоӣ-равониро доро мебошад, ба мисли заифгардии институти оила дар ҳолатҳое, ки ба хориҷа аъзои оила сафар намуда, мард, зан ё кӯдакони хурдсолро танҳо мегузоранд; сеюм, муҳитро дар бозори меҳнат холӣ мегардонад, ки дар пайи худ селаи муҳоҷиронро аз мамлакати сеюм зиёд намуда, дар натиҷа ба тағйирёбии ҳаёти фарҳангӣ оварда мерасонад; чорум, пешрафти илмӣ-техникӣ метавонад дар натиҷаи муҳоҷирати кадрҳои соҳибтаҷриба коҳиш ёбад (саҳ. 83).

Кайд карда мешавад, ки натиҷаи назарраси муҳоҷирати байналмилалӣ барои дилхоҳ мамлакат гирифтани интиқолҳои пулӣ ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолҳои пулӣ сарчашмаи муҳими даромади хонавода ба ҳисоб меравад (саҳ. 85).

Дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз ҳама нишондиҳандаи паст оид ба музди миёнаи меҳнат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои меҳнатии мо барои дарёфти музди меҳнати баланд, маҷбур мешаванд ба дигар кишварҳо сафар намуда, кор ва фаъолият намоянд (саҳ. 116).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”** масъалаҳои

такмилдиҳии механизми танзими муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити муосир, самаранокии иқтисодии интиқоли воситаҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии стратегии муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз ҷойҳои асосӣ дар механизми ташкилию иқтисодии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, ин низоми омодагӣ ва такмили ихтисоси муҳоҷирони меҳнатии кишварамон барои содироти қувваи корӣ мебошад. Шиддат ёфтани масоили шуғли аҳолӣ вобаста ба муҳоҷират ин мушкилотро дар ҷойи аввал дар низоми ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон, сатҳи зиндагии мӯътадили онҳо баррасӣ менамояд (саҳ. 127).

Инчунин қайд карда мешавад, ки барои Тоҷикистон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун давлати мустақил ба вуҷуд омадааст ва тақрибан ба наздикӣ таҷрибаи маҳдудро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ соҳиб гардидааст, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро ҷонибдорӣ намудан хеле мушкил аст. Барои бомуваффақият ҷойгир кардани Тоҷикистон дар бозори байналмилалии меҳнат ва таҳкими минбаъдаи мавқеи он, таҳлили таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ зарур мебошад (саҳ. 130).

**Дар хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасӣ гардида оварда шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Дар диссертатсияи манзургардида муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявӣ мушаххасу дақиқ буда, метавонад барои муайян намудани равандҳои танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, таҳлили тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти зудивазшавии сиёсати муҳоҷирати давлатҳои хориҷи дуру наздик, омӯзиши муҳоҷирати байналмилалӣ нокифоя мебошад ва чунин тадқиқотҳо бояд идома дода шаванд.

Дар баробари қайд кардани тарафҳои мусбати мавзӯи таҳқиқотӣ, ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо мазмун ва сифати рисолаи илмиро беҳтар мегардонад.

1. Муаллифи диссертатсия то қадри имкон кӯшиш кард, ки мубрамияти мавзӯи тадқиқотиро асоснок намояд, лекин хуб мебуд, ки доир ба босуръат рушд намудани муҳоҷирати байналмилалии қувваи

корӣ факту рақамҳои дақиқ бо муқоисаи он оварда мешуданд. Баъдан, бо ду-се ҷумла қайд кардани душвориҳои мавҷудбуда дар танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки нисбати онҳо диссертант нуқтаи назари худро иброз менамояд.

2. Банди 1.2. "Равишҳои иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати байналмилалӣ ва оқибатҳои он" номгузорӣ карда шудааст, аммо дар он оқибатҳои муҳоҷират марбут ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ нашудаанд, гарчанде рисола дар мисоли ҶТ омода гардид.

3. Банди 1.3. "Сиёсати муҳоҷирати кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ" ном дорад ва дар банди мазкур фикру ақидаи олимон нисбати сиёсати муҳоҷират, сиёсати муҳоҷирати кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар маҷмӯъ омӯхта шудааст. Лекин, агар оид ба кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ, ақаллан дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия натиҷабардорӣ мегардид, банди мазкур мазмуни пурра мегирифт.

4. Дар қисмати аввали рисола (саҳ. 5) номи олимони зиёди ватанӣ оварда шудааст, ки доир ба мавзӯи муҳоҷират ва муҳоҷирати байналмилалӣ корҳои илмиро анҷом додаанд, аммо дар диссертатсия маводи илмии ягон олими маҳаллӣ омӯхта нашуд ва ин саволеро ба миён меорад, ки чаро муаллиф танҳо корҳои олимони хориҷиро омӯхтааст.

5. Дар саҳ. 81-82 муаллиф мамлакатҳои интиқолдиҳандаи қувваи кориро ба се гурӯҳ аз рӯи ҳавасмандгардонии муҳоҷирон ва аз ҳаҷми интиқоли асъори муҳоҷирон ҷудо намудааст.

Муаллиф дар қатори 6 давлати гурӯҳи якум кишвари Филиппинро низ дарҷ кардааст, ки ин давлатҳо муҳоҷиратро ҳавасманд намекунанд. Дар асл бошад, кишвари Филиппин чанд даҳсолаҳо боз сиёсати ҳавасмандкунандаи интиқоли муҳоҷирони меҳнатиро пеш гирифтааст ва дар ин самт мақсадҳои стратегии худро иҷро менамояд.

Дар гуруҳи дуюм 3 давлат номнавис шудааст, ки аз интиқоли пулии муҳоҷирон ба кишварашон вобастагӣ доранд ва дар байни онҳо Туркия қайд шудааст. Туркия чанд даҳсола аст, ки аз кишвари интиқоли муҳоҷирон ба кишвари қабули муҳоҷирон табдил ёфтааст ва ҳар сол дар ҳудуди он 2 - 2,5 млн. нафар муҳоҷирони хориҷӣ фаъолияти кориро анҷом медиҳанд. Айни замон ин давлат аз воридоти пулии муҳоҷирон вобастагӣ надорад.

Беҳтар буд, ки муаллиф давлатҳоро ба дигар тарз ҷудо мекард, яъне: 1. Давлатҳое, ки сиёсати муҳоҷиратро мақсаднок ва самаранок татбиқ менамоянд. 2. Давлатҳое, ки сиёсати муҳоҷиратии худро ба таври дақиқ муайян накардаанд. 3. Давлатҳое, ки доир ба сиёсати муҳоҷират ва муҳоҷирони кишварашон мавқеи бетарафиро интихоб кардаанд.

6. Дар бандҳои 2.1. ва 2.2., ки бевосита ба омӯзиши вазъи ҳозираи муҳоҷирати меҳнатӣ ва бозори меҳнати дохили кишвар бахшида шудаанд, санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ мавриди шиносоӣ қарор дода нашуданд ва бе ин гуна муносибат мазмуни кор нопурра аст.

7. Дар матни рисола хатогиҳои имлоӣ ва ҷумлаҳои таҳрирталаб, инчунин баъзе маълумотҳои шубҳанок бе нишон додани эзоҳ ба назар мерасанд, ки сифати корро паст менамоянд.

Ба камбудиҳои номбаршуда нигоҳ накарда бояд қайд кард, ки дар маҷмӯъ кори диссертатсионии тақризшаванда тадқиқоти илмии мустақилонаи пурра анҷомёфта мебошад, ки навгониҳои илмии ба дастоварда ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Дар асоси фикру мулоҳизаҳои дар боло қайдшуда муқаррар кардан мумкин аст, рисолаи илмии Саъдуллозда Насрулло Саъдулло дар мавзӯи «Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба дараҷаи хуб иҷро гардидааст ва натиҷаи тадқиқоти мустақилона ба охир расондаи муаллиф дар мавзӯи муҳим мебошад. Рисолаи илмии иҷрошуда ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ва пункти 37 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №505 аз 24 октябри соли 2016 дар бораи додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ ҷавобгӯӣ мебошад ва муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисоди ҷаҳон мебошад.

Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири бахши муҳоҷирати аҳолии
шӯъбаи «Демография»-и ИИваД АМИ Т Бобоев А.А.

Имзои А.А. Бобоевро тасдиқ мекунам:
Мудири шӯъбаи кадрҳои ИИваД АМИ Т Қурбонов Э.Т.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44.
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
E-mail: anvar.boboev2016@gmail.com

15.01.2021.